Тақризи

**муқарризи расмӣ ба таҳқиқоти диссертатсионии Мирзоев Ҷурабек Абдулович дар мавзӯи «Таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 - таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. – Душанбе, 2020. - 212 с.**

Дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX дар натиҷаи пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ давлатҳои нави мустақил таъсис ёфтанд, ки дар назди онҳо вазифаҳои муҳим – таҳкими мустақилияти хеш, ташаккул додани асосҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ меистод. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи ин давлатҳои тозатаъсиси мустақил буд, ки бояд мустақиман унсурҳои нави миллии ҳокимият ва асосҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии хешро муайян мекард. Дар ин давра дар таърихи сиёсии Тоҷикистон ҳаводиси зиёд, ба амсоли таъсисёбии ҳизбу созмонҳои нав, марҳалаҳо ва раванди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ, воқеаҳои феврали соли 1990, иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (с. 1992-1997), гуфтушуниди миёни тоҷикон ва истиқрори сулҳу ваҳдати миллӣ, фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ, марҳалаҳои рушди босуботи кишвар, иҷроиши вазифаҳои стратегии давлат, самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамкории Тоҷикистон дар доираи ИДМ, ҳамкорӣ бо созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ, роҳандозии сиёсати минтақавии Тоҷикистон ба вуқуъ пайвастанд, ки ногузир таваҷҷуҳи аҳли илми ватанӣ ва хориҷиро ба худ ҷалб карда, боиси аз ҷониби унвонҷӯ ба сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб шудани рисолаи мазкур гардидаанд.

Мавзӯи таҳқиқотии Мирзоев Ҷурабек Абдулович бешак мубрам буда, дар заминаи маводи бойгониҳои ҷорӣ ва таҳлили адабиёти илмии мавҷуда, амалӣ гардидааст.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Муҳимият, мубрамият ва арзиши баланди илмӣ доштани мавзӯи тадқиқоти мазкурро аз чанд ҷиҳат ва далелҳо метавон шарҳу маънидод ва асоснок намуд:

**-якум**, таҳқиқоти маҷмӯӣ дар самти таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол то имрӯз вуҷуд надорад. Тадқиқоти мазкур кӯшиши аввалин дар ин ҷода аст.

**-дуюм**, масоили инъикоси ҳифзи Истиқлолияти давлатиро аз ҷиҳати таърихнигорӣ таҳлил намуда, сатҳи омӯзиши раванди гуфтушуниди миёни тоҷикон ва сабақҳои ибратомӯзи онро ҷиҳати рушди минбаъдаи ҷомеаи тоҷикон муайян кардан зарур буд.

**-сеюм**, тадқиқи масоили таҷассуми истифодаи таҷрибаи нодири сулҳи тоҷикон дар муноқишаҳои низомии кишварҳои ҷаҳон ва зарурияти омӯзиши инъикоси нақши асосгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол – Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи байналхалқӣ ва тақвияти рағбати муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ ҷиҳати инъикоси ин масоил.

Ба муаллифи рисола муяссар гаштааст, ки мубрамият, арзиши илмии мавзӯи тадқиқотро ба таври боварибахш асоснок намуда, дараҷаи омӯзиши мавзӯъро нишон диҳад, ҳадафу мақсади тадқиқоти худро бо далелҳои эътимоднок муайян ва мушаххас намояд,, пояи сарчашмавии тадқиқотро нишон дода, асосҳои методологӣ, назариявии рисола, объект, предмети тадқиқот, ҳудуди хронологии он, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшударо мушаххас, аҳамият ва арзиши илмӣ, амалии тадқиқоти худро асоснок намояд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти диссертатсионие пешниҳод мегардад, ки дар боби таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол таҳқиқоти маҷмӯӣ маҳсуб меёбад. Илова бар ин, бори нахуст манбаъҳои сершумор, теъдоди зиёди асарҳои нашргардида оид ба масоили гуногуни таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол ба доираи таҳлили таърихнигорӣ фаро гирифта шуда, адабиёти илмӣ, ки вазъи сиёсии даҳсолаи охири асри XX, махсусан

Муҳимият, мубрамият ва арзиши баланди илмӣ доштани мавзӯи тадқиқоти мазкурро аз чанд ҷиҳат ва далелҳо метавон шарҳу маънидод ва асоснок намуд:

**-якум,** таҳқиқоти маҷмӯӣ дар самти таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол то имрӯз вуҷуд надорад. Тадқиқоти мазкур кӯшиши аввалин дар ин ҷода аст.

**-дуюм,** масоили инъикоси ҳифзи Истиқлолияти давлатиро аз ҷиҳати таърихнигорӣ таҳлил намуда, сатҳи омӯзиши раванди гуфтушуниди миёни тоҷикон ва сабақҳои ибратомӯзи онро ҷиҳати рушди минбаъдаи ҷомеаи тоҷикон муайян кардан зарур буд.

**-сеюм,** тадқиқи масоили таҷассуми истифодаи таҷрибаи нодири сулҳи тоҷикон дар муноқишаҳои низомии кишварҳои ҷаҳон ва зарурияти омӯзиши инъикоси нақши асосгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол – Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи байналхалхалқӣ ва тақвияти рағбати муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ ҷиҳати инъикоси ин масоил.

Ба муаллифи рисола муяссар гаштааст, ки мубрамият, арзиши илмии мавзӯи тадқиқотро ба таври боварибахш асоснок намуда, дараҷаи омӯзиши мавзӯъро нишон диҳад, ҳадафу мақсади тадқиқоти худро бо далелҳои эътимоднок муайян ва мушаххас намояд,, пояи сарчашмавии тадқиқотро нишон дода, асосҳои методологӣ, назариявии рисола, объект, предмети тадқиқот, ҳудуди хронологии он, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшударо мушаххас, аҳамият ва арзиши илмӣ, амалии тадқиқоти худро асоснок намояд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти диссертатсионие пешниҳод мегардад, ки дар боби таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол таҳқиқоти маҷмӯӣ маҳсуб меёбад. Илова бар ин, бори нахуст манбаъҳои сершумор, теъдоди зиёди асарҳои нашргардида оид ба масоили гуногуни таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол ба доираи таҳлили таърихнигорӣ фаро гирифта шуда, адабиёти илмӣ, ки вазъи сиёсии даҳсолаи охири асри XX, махсусан

воқеаҳои феврали соли 1990 ва ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистонро ба таври гуногун инъикос намудаанд, мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтаанд. Гузашта аз ин, таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол бори нахуст даврабандӣ гардида, заминаҳо, сабабҳо ва оқибатҳои ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистон аз ҷиҳати илмӣ таҳқиқ ва даврабандии ин рӯйдоди мудҳиш амалӣ шудааст.

**Боби якуми диссертатсия – "Инъикоси вазъи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ"** аз се зербоб иборат аст. Дар ин боб таълифоте, ки ба масоили умдаи таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол, ба амсоли ба даст омадани Истиқлолияти Давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеаҳои феврали соли 1990, ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистон, марҳилаҳои гуфтушуниди байни тоҷикон ва имзои "Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон", фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ ва рушди минбаъдаи сиёсии кишвар дар даҳсолаҳои аввали асри XXI бахшида шудаанд, мавриди таҳлили таърихнигорӣ қарор гирифтаанд.

Дар зербоби аввал – **"Таъсисёбии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва инъикоси он дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ"** масоили раванди таъсисёбии ҳизбу созмонҳои нав, марҳалаҳои асосии ба даст омадани истиқлолияти давлатӣ ва инъикоси он аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ ба таври возеҳ инъикос ёфтаанд. Муаллиф қайд менамояд, ки дар Тоҷикистон ҳизбу созмонҳои нав арзи вуҷуд карданд, ки дар натиҷаи сиёсати нодурусти онҳо вазъи сиёсӣ муташаниҷ гардида, Тоҷикистон мубталои ҷанги шаҳрвандӣ гашт.

Илова бар ин, муаллиф дар ин зербоб инъикоси воқеаҳои феврали соли 1990, сабабҳо ва оқибатҳои он, инчунин қабули Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистонро дар санаи 24 августи соли 1990, ки марҳилаи навбатӣ дар роҳи ба даст даровардани Истиқлолияти комили давлатӣ маҳсуб меёбад, дар адабиёти илмӣ ба тариқи густурда таҳлил намудааст.

Дар зербоби дуюми боби аввал – **“Инъикоси ҷанги шаҳрвандӣ (1992 – 1997) дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ”** инъикоси масоили заминаҳо ва сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ (1992 – 1997), давраҳои асосӣ, рафт ва оқибатҳои мудҳиши он дар тарихнигории ватанӣ ва хориҷӣ мавриди тадқиқ ва баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф қайд менамояд, ки роҷеъ ба инъикоси воқеоти сиёсии солҳои 90-уми асри XX таълифоти зиёде ба табъ расидаанд, ки дар онҳо сабабҳои асосии сар задани ҷанги шаҳрвандӣ, давраҳои асосӣ ва оқибатҳои мудҳиши он ҳадалимкон тадқиқ гардидаанд. Унвонҷӯ дар ин зербоб инъикоси иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба таври возеҳ тадқиқу баррасӣ намудааст.

Дастоварди муҳимми унвонҷӯ зимни тадқиқи ҷанги шаҳрвандӣ дар он зоҳир мегардад, ки ӯ тавонистааст бори аввал ҷанги шаҳрвандиро даврабандӣ намояд.

Пас аз таҳлили таърихнигории адабиёти марбут ба ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997) муаллиф ба хулосае меояд, ки сарфи назар аз таҳқиқоти фаровон дар ин самт, ҳанӯз ҳам паҳлуҳои гуногуни ин рӯйдоди мудҳиши сиёсӣ-низомӣ чандон равшан нест ва ҷиҳати барқарор намудани ин саҳифаҳои нангин дар таърихи халқи тоҷик муҳаққиқонро заҳмати бепоён ва таҳқиқоти фаровон дар пеш аст.

**Зербоби сеюми боби аввал – “Тадқиқи масоили истиқрори сулҳу ваҳдат, фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ ва ҳаёти минбаъдаи сиёсӣ дар Тоҷикистон”** ба тадқиқ ва таҳлили инъикоси масоили истиқрори сулҳу ваҳдат, давраҳои асосии гуфтушуниди миёни тоҷикон, фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ, таҳаввулоти сиёсии давраи рушд дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ бахшида шудааст.

Ба ақидаи муаллифи рисола ин раванд пеш аз ҳама аз он ҷиҳат ҷолиб аст, ки нахустин таҷрибаест дар таърихи ҷаҳонӣ, ки бо миёнаравии созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ ва ширкати давлатҳои кафили минтақа бомуваффақиятона анҷом пазируфтааст. Унвонҷӯ дар ин зербоб тавонистааст, ки дуруст масъалагузорӣ карда, инъикоси

ин масоилро, аз қабили раванди гуфтушуниди тоҷикон, нақши роҳбари давлат дар ин раванд, фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ, инъикоси сабақҳои таърихӣ ва аҳамияти байналмилалии сулҳи тоҷикон дар адабиёти илмӣ мавриди таҳлили амиқ қарор диҳад. Ӯ барҳақ ба хулосае омадааст, ки раванди ба даст овардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ва марҳилаи хотимавии он - амалигардонии шартномаҳои ноилгардида, дар ҷаҳони муосир намунаи беназири баҳамоии ҷонибҳои даргир маҳсуб меёбад, ки назирашро таҷрибаи ҷаҳонӣ ёд надорад.

**Боби дуюми диссертатсия – "Инъикоси сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ"** аз се зербоб таркиб ёфта, ба таҳлили таърихнигории адабиёти дар ин самт таълифгардида бахшида шудааст. Дар он муаллиф таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷиро, ки ҷиҳати инъикоси самтҳои асосии сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол, авлавиятҳои он, ҳамкории Тоҷикистон бо кишварҳои узви ИДМ, ҳамкорӣ дар доираи созмонҳои бонуфузи байнахалқӣ ва минтақавӣ, роҳандозии босамари сиёсати минтақавии Тоҷикистон дар охири асри XX – ибтидои асри XXI ба анҷом расидаанд, мавриди таҳлили таърихнигорӣ қарор дода, дар ин замина саҳми асосгузори сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон, инчунин мушкилот ва дурнамои равобити байналмилалии кишварро мушаххас намудааст.

**Дар зербоби якуми боби дуюм – "Таҳқиқи муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои узви ИДМ"** масоили инъикоси ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои узви ИДМ, хоса бо Федератсияи Россия дар адабиёти таърихӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст.

Унвонҷӯ барҳақ қайд менамояд, ки таҳлили таърихнигории адабиёти марбут ба сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол аз афзалияти ҳамкориҳои фароху домангустурда бо кишварҳои узви ИДМ, хоса бо Федератсияи Россия ва ҷумҳуриҳои собиқ шӯравии Осиёи Марказӣ шаҳодат медиҳад.

Дар зербоби дуюми боби дуюм – **«Ҳамкориҳои Тоҷикистон бо институтҳои байналхалқӣ дар тадқиқоти олимон ва сиёсатшиносони ватанӣ”** масоили инъикоси ҳамкориҳои Тоҷикистон бо созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ, аз ҷумла СММ, САҲА ва СҲШ дар тадқиқоти муҳаққиқон ва коршиносон таҷассум ёфтааст. Муаллиф қайд менамояд, ки ҳамкорӣ миёни Тоҷикистон ва бонуфузтарин созмони ҷаҳонӣ – Созмони Милали Муттаҳид (СММ), ки аз 2 марти соли 1992 ибтидо мегирад, сол то сол дар ҳоли рушд ва тавсеа қарор дорад.

Ба андешаи унвонҷӯ масоили муносибатҳои мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва САҲА дар илми таърихнигории тоҷик ба таври ноқис инъикос гардидааст. То кунун масоили мазкур объекти таҳқиқоти алоҳидаи илмӣ қарор нагирифтааст. Танҳо мақолаҳои ҷудогона, ки дар онҳо ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо САҲА дар самти амнияти минтақавӣ таҳқиқ гардидаанд, рӯйи кор омадаанд.

Муаллиф муътақид аст, ки дар ибтидои ҳазорсолаи нав панҷ давлати Осиёи Марказӣ ва Россия дар доираи СҲШ тамсилаи муносибатҳои байналхалқии ба принсипҳои боварӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳусни тафоҳум асосёфтаро бунёд намуданд ва тадриҷан аз танзими масоили марзӣ ба баррасии муштараки масоили амниятӣ, иқтисодӣ ва ҳамкории фарҳангӣ гузаштанд, ки дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ ҳадалимкон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар натиҷаи таҳлили адабиёти марбут ба сиёсати хориҷӣ, диссертант ба хулосае омадааст, ки ба омӯзиши ҳамкориҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол бо созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ ва минтақавӣ таҳқиқоти зиёди монографӣ бахшида шудааст, ки сатҳи баланди рушди ин ҳамкориҳоро собит месозанд.

**Зербоби сеюми боби дуюм – «Масоили омӯзиши сиёсати минтақавии Тоҷикистон дар охири асри XX ва аввали асри XXI”** ба тадқиқи масоили инъикоси роҳандозии сиёсати минтақавӣ дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ бахшида шудааст. Муаллиф кайд менамояд, ки яке аз самтҳои афзалиятноки муносибатҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозии сиёсати минтақавӣ, ки бо

кишварҳои Осиёи Марказӣ – Ӯзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Туркманистон ва кишварҳои форсизабони минтақа – Ҷумҳурии исломии Эрон ва Ҷумҳурии исломии Афғонистон, инчунин бо Ҷумҳурии Халқии Чин, Ҷумҳурии исломии Покистон, Ҷумҳурии Туркия ва бо Ҳиндустон амалӣ месозад.

Мазмуни рисола пурра дар корҳо ва мақолаҳои чопшудаи унвонҷӯ инъикос ёфтаанд. Автореферат ба мазмуни матни диссертатсия мувофиқ аст.

Ба андешаи мо дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсия чанд камбудиҳои ҷузъӣ низ ба чашм мерасанд:

1. Муаллиф зимни инъикоси воқеоти сиёсии солҳои 90-уми асри XX аз маводи бойгониҳои ҷумҳурӣ камтар истифода намудааст.
2. Унвонҷӯ дар зербоби дуюми боби якум, ки ба инъикоси ҷанги шаҳрвандӣ дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ бахшида шудааст, оид ба таъсиси Ҳукумати муросои миллӣ ва ба бунбасти иқтисодӣ мувоҷеҳ гардидани вилояти Кӯлоб таваҷҷуҳи камтар зоҳир намудааст.
3. Боби дуюми диссертатсия "Инъикоси сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ" номгузорӣ шудааст. Аммо, мутаассифона, муаллиф дар ин боб инъикоси ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо кишварҳои Аврупо ва Амрико таҳлилу баррасӣ накардааст.
4. Дар таълифи рисола сарчашмаҳои муътамад истифода шудаанд, аммо барои боз ҳам такмил ёфтани он муаллифро мебоист ба манбаъҳои дигар низ, ки ба мавзуъ марбутӣ доранд, такя мекард.
5. Мавзӯи мазкур хеле доманадор буда, ҷиҳати барқарор намудани ин саҳифаҳои норавшан дар таърихи халқи тоҷик муҳаққиқро таҳқиқи амиқтар мебояд.
6. Рисола маводи зиёди санадиро роҷеъ ба таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол фаро гирифтааст, лекин муаллифро зарур аст, ки бо овардани аснод паҳлӯҳои дигари мавзӯъро равшанӣ бахшад.

7. Дар рисола, баъзан такрори матлаб, хатоҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд.

Аммо, нуқсонҳои зикршуда хислати усулӣ (принсипиалӣ) надошта, арзиш ва аҳамияти рисолаи Ҷ.Мирзоевро ҳаргиз паст намесозанд.

Метавон гуфт, ки муаллиф тамоми мақсад ва ҳадафи дар назди худ гузоштаашро бо пуррагӣ ҳаллу фасл намудааст.

Аз гуфтаҳои боло метавон хулоса кард, ки диссертатсияи унвонҷӯ Мирзоев Ҷурабек Абдулович дар мавзӯи «Таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол» таҳқиқоти мустақилона, нодир ва аз лиҳози мантиқ ба анҷом расида буда, тибқи натиҷаҳои бадастомада ба талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 10, 11, 12,14,16 - и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016, №505 тасдиқ гардидааст, мувофиқ аст ва муаллифи он Мирзоев Ҷурабек Абдулович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.09 - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ арзанда мебошад.

**Доктори илмҳои таърих,**
**профессор, сардори раёсати**
**маорифи вилояти Суғд** **Каримзода Осим Қосимӣ**

30.04.2020

Имзои д.и.т., профессор Каримзода О.Қ.- ро тасдиқ менамоям:
Сардори ШК ва корҳои махсуси
раёсати маорифи вилояти Суғд Раҳмонов Н.А.

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: ш. Хуҷанд, кӯчаи Шарқ 29
Тел.: 6-32-47
Факс: 6-32-47; E-mail: osimkosimi@mail.ru